# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## МАРКАЗИ МАТБУОТ

# МАЪЛУМОТ
# ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021

## (ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ)

**ДУШАНБЕ**
**16.07.2021**

# МУНДАРИҶА

Таҳсилоти томактабӣ..........................................................3
Таҳсилоти миёнаи умумӣ.....................................................4
Иштироки хонандагон дар олимпиадаҳо...............................7
Таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ..........10
Таҳсилоти миёнаи касбӣ......................................................12
Таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ...............................14
Илм ва инноватсия...............................................................16
Маблағгузории соҳа.............................................................18
Муносибатҳои байналмилалӣ................................................18
Сохтмону таъмири биноҳои таълимӣ...................................20
Омодагӣ ба давраи тирамоҳу зимистон................................21
Такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф.......................................................................22
Таъмини муассисаҳо бо китобҳои дарсию бадеӣ
ва маводи таълимӣ...............................................................23
Ҳамкорӣ бо ВАО.................................................................25
"Телефони боварӣ"-и Вазорати маориф ва илм...................25

# МАЪЛУМОТ
# ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2021

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор дар соҳаи маориф ва илм дар нимсолаи якуми соли 2021 фаъолияти худро дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ба роҳ монда, корҳои муайянро ба анҷом расонид.

*****

## Таҳсилоти томактабӣ

Таҳсилоти томактабӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф маҳсуб ёфта, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам дастгирӣ меёбад.

Дар нимсолаи якуми соли 2021 теъдоди муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ ба 681 расида, ба таълиму тарбияи томактабӣ 97 679 нафар кӯдак фаро гирифта шудааст. Дар ин давра 19 кӯдакистон нисбат ба нимсолаи якуми соли 2020 зиёд гаштааст.

Айни замон, дар ВМКБ 26 муассисаи томактабӣ бо фарогирии 2141 нафар кӯдак, дар вилояти Хатлон 158 муассиса бо фарогирии 16783 нафар кӯдак, дар вилояти Суғд 276 муассиса бо фарогирии 40283 нафар кӯдак, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 84 муассиса бо фарогирии 8566 нафар кӯдак ва дар шаҳри Душанбе 136 муассиса бо фарогирии 29906 нафар кӯдак фаъолият менамояд.

Инчунин, айни ҳол дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 278 маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 6060 нафар, дар вилояти Суғд 376 марказ бо фарогирии 13425 нафар, дар вилояти Хатлон 826 марказ бо фарогирии 22574 нафар ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 283 марказ бо фарогирии 7153 нафар кӯдак фаъолият менамоянд.

Тибқи талаботи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 шумораи кӯдакони синни аз 3 то 6-сола ба 1137400 нафар ва фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ бояд ба 40% расонда шавад.

Роҳҳои дигари ҷалби бештари кӯдакон ба таълиму тарбияи муассисаҳои томактабӣ ин бунёди муассисаҳои томактабии хусусӣ мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҷумҳурӣ 4 муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ, аз ҷумла дар ноҳияи Ёвон 1 кӯдакистон бо фарогирии 315 нафар, дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ 1 кӯдакистон бо фарогирии 200 нафар, дар шаҳри Истаравшан 1 кӯдакистон бо фарогирии 200 нафар ва дар шаҳри Хуҷанд 1 кӯдакистон бо фарогирии 240 нафар кӯдак сохта ба истифода дода шуд.

Таҳлили вазъи таълиму тарбияи томактабӣ дар кишвар нишон медиҳад, ки яке аз мушкилоти асосии имрӯза нокифоя будани маблағгузории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба тарбияи томактабӣ ва диққати ҷиддӣ надодани мутасаддиёни соҳа дар шаҳру ноҳияҳо ба таҳсилоти томактабӣ мебошад. Солҳои охир таъминоти муассисаҳои томактабии ҷумҳурӣ бо ашёи таълимӣ беҳтар гардида бошад ҳам, дар ин самт вобаста ба талабот, махсусан дар деҳот вазъият беҳбудиро талаб менамояд.

*****

## Таҳсилоти миёнаи умумӣ

Соли таҳсили 2020-2021 теъдоди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 3911 адад, аз ҷумла муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ 312, муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ 430 ва муассисаи миёнаи умумӣ 3169 ададро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 27 муассисаи таҳсилоти умумӣ зиёд гардидааст.

Ҳамчунин, дар ҷумҳурӣ теъдоди муассисаҳои типи нав 150 адад буда, 75 гимназия ва 75 литсей ба қайд гирифта шудааст.

Шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 130465 нафар (77407 зан), аз ҷумла дар ВМКБ 5 674 нафар (3 473 зан), вилояти Хатлон 46756 нафар (24430 зан), вилояти Суғд 40085 (26106 зан) нафар, шаҳри Душанбе 9427 (7238 зан) нафар ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 26 961 (15321зан) нафарро ташкил медиҳад.

Аз шумораи умумии омӯзгорон 98 386 нафар (54 350 зан) – 75,4% дорои таҳсилоти олӣ, 30 321 нафар (21 726 зан) – 23,2% дорои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошанд. Нишондиҳандаи таҳсилоти омӯзгорон нисбат ба соли таҳсили 2019-2020 тағйир ёфта, омӯзгорон бо таҳсилоти миёнаи касбӣ 1,3% кам ва бо таҳсилоти олии касбӣ 1,3% зиёд гардидааст.

Дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 2 108 942 нафар (1016431 духтар) хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудааст, ки он дар ВМКБ 38 902 нафар (18903 духтар), вилояти Хатлон 779612 нафар (375337 духтар), вилояти Суғд 565277 нафар (276450 духтар), шаҳри Душанбе 211901 нафар (99155 духтар) ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 513250 нафар (246586 духтар)-ро ташкил медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ натиҷаи азхудкунии барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ ба 98,2% баробар буда, нисбат ба соли таҳсили 2019-2020 як фоиз зиёд мебошад.

Бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар, аз ҷумла хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва дар асоси талаботи Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», даври якуми озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» моҳи майи соли 2021 дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуд.

Моҳи январи соли 2021 даври ҷумҳуриявии озмуни «Омӯзгори соли Тоҷикистон-2020» баргузор гардид, ки дар озмун Зумратов Азизбек омӯзгори фанни химияи литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе ғолиб дониста шуд.

Таҳлили вазъи амалишавии Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2017, №544) нишон дод, ки бо вуҷуди анҷом додани корҳои муайян дар ин самт барномаи мазкур бо сабаби ҷудо нагаштани маблағҳои зарурӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба таври дахлдор иҷро нагардид.

Дар ҷумҳурӣ 63 мактаб-интернат барои кӯдакони ятим, нимятим, бепарастор, кӯдаконе, ки падару модарашон гирифтори бемориҳои сироятии барои кӯдакон хавфнок, имконияташон маҳдуд, барои кӯдакони аз деҳаҳои навбунёд ва дурдаст, ки муассисаи таълимӣ надоранд, кӯдаконе, ки муҳити носолими оилавӣ доранд, фаъолият менамояд, ки дар онҳо дар соли таҳсили 2020-2021 8146 нафар (2526 духтар) таълимгиранда, аз ҷумла 1653 нафар (515 духтар) кӯдакони имконияташон маҳдуд, 176 нафар (41 духтар) ятими кулл, 1384 нафар (331 духтар) бепадар, 343 нафар (70 духтар) бемодар ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст.

Аз шумораи умумии мактаб-интернатҳо 14 мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (9 мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим, 4 мактаб-интернат барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва 1 мактаби махсуси ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе) буда, дар онҳо дар соли таҳсили 2020-2021 дар маҷмӯъ, 2585 нафар (682 духтар) ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки аз онҳо 564 нафар (191 духтар) кӯдакони имконияташон маҳдуд, 53 нафар (7 духтар) ятими кулл, 440 нафар (98 духтар) бепадар, 140 нафар (26 духтар) бемодар мебошанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳамкорӣ бо Лоиҳаи «Ҳамроҳ бихонем» моҳи январи соли 2021 179 номгӯй китоби бадеии кӯдакона бо теъдоди 1 миллиону 300 ҳазор нусха чоп ва дар моҳҳои апрел-майи соли 2021 пурра дастраси 3001 муассисаи таҳсилоти умумӣ гардонида шуд.

Дар самти татбиқи таълими фарогир корҳо идома дошта, моҳи феврали соли ҷорӣ 12 номгӯй китоби бадеии кӯдакона ба алифбои Брайлӣ чоп гардид, ки ҳар як номгӯй 80 нусха буда, дар маҷмӯъ 960 ададро ташкил медиҳад. Китобҳои мазкур барои мактаб-интернатҳои махсус ва кӯдакони нобино пешбинӣ шудааст.

Дар ҳамкорӣ бо Лоиҳаи «Ҳамроҳ бихонем» соли 2021 дуюмин озмуни ҷумҳуриявии «Гӯшаи китоб» гузаронида шуд ва ба 150 «Гӯшаи китоб»-и беҳтарин таҷҳизоти технологӣ туҳфа карда мешавад.

Вобаста ба амалӣ намудани Фармони Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.01.2020, №1445 оид ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» видеофилмҳои таълимӣ аз фанҳои «Физика», «Математика синфҳои 7, 8, 10 ва 11» 130 дарси видеоӣ, дар маҷмӯъ 988 адад ва дарсҳои намунавии омӯзгорони соҳибтаҷриба ва пешқадам аз фанҳои «Математика», «Забони англисӣ», «Забони русӣ», «Биология», «Таърихи умумӣ» ва «Таърихи халқи тоҷик» сабт ва дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонида шуд.

*****

## Иштироки хонандагон дар олимпиадаҳо

Бо мақсади дарёфт, дастгирӣ, рушди хонандагони боистеъдод ва фароҳам овардани шароити мусоиди таълимию тарбиявӣ ҷиҳати ташаккули таҳсили муттасили ҷавобгӯ ба талаботи таълимӣ ва амалӣ намудани қобилиятҳои эҷодии истеъдодҳо Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025 бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.04.2021, №113 қабул гардид, ки барномаи мазкур дар самти ташаккули ҳаракати олимпӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо нақши муҳим мегузорад.

Айни замон шумораи умумии олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ 24 ададро ташкил менамояд: олимпиада аз фанни математика ба номи Умари Хайём; олимпиада аз фанни технологияи иттилотӣ ба номи Ал-Хоразмӣ; олимпиада аз фанни физика (астрономия) ба номи Абурайҳони Берунӣ; олимпиада аз фанни химия ба номи Закариёи Розӣ; олимпиада аз фанни биология ба номи Абӯалӣ Сино; олимпиада аз фанни география ба номи Носири Хусрав; олимпиада аз фанни ҳуқуқ ба номи Куруши Кабир; олимпиада аз фанни таърих ба номи Бобоҷон Ғафуров; олимпиада аз фанни забон ва адабиёти тоҷик ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ; олимпиада аз фанни забони русӣ ба номи Александр Пушкин; олимпиада аз фанни забони англисӣ ба номи Уилиям Шекспир; олимпиада аз фанни забони давлатӣ; олимпиада аз фанни адабиёти рус; олимпиада барои наврасон аз фанҳои табиӣ-риёзӣ (барои синфҳои 5-6); олимпиадаи барои наврасон аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (барои синфҳои 5-6); олимпиада барои наврасон аз фанҳои табиӣ-риёзӣ (барои синфҳои 7-8); олимпиадаи барои наврасон аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (барои синфҳои 7-8); олимпиадаи даставӣ аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (барои синфҳои 9-10); олимпиадаи даставӣ аз фанҳои табиӣ-риёзӣ (барои синфҳои 9-10); олимпиадаи даставии хонандагони мактабҳои президентӣ ва литсейҳо барои хонандагони боистеъдод аз фанҳои табиӣ-риёзӣ; олимпиадаи даставии хонандагони мактабҳои президентӣ ва литсейҳо барои хонандагони боистеъдод аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ; олимпиадаи «Spelling Bee»; олимпиадаи лоиҳавӣ-ихтироъкорӣ «INTEX»; олимпиада оид ба шоҳмот байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

Дар робита ба иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.01.2020, №1445 дар бораи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» айни замон дар ҷумҳурӣ 10 намуди олимпиада аз фанҳои табиӣ-риёзӣ роҳандозӣ мегардад.

Хонандагони синфҳои 11, ки дар даври чорум олимпиадаҳои фаннӣ ғолиб меоянд, вобаста ба ҷойҳои ишғолкарда ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути Маркази миллии тестӣ соҳиби имтиёз (ҷойи якум 100 хол, ҷойи дуюм 75 хол ва ҷойи сеюм 50 хол) мегарданд.

Рӯзҳои 27-28 марти соли равон даври ҷумҳуриявии Олимпиадаи фаннии хонандагони синфҳои 11-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз фанҳои табиӣ-риёзӣ дар Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Ҳисор ва аз фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ рӯзҳои 3-4 апрели соли 2021 дар Мактаби байналмилалии Президентӣ дар шаҳри Душанбе баргузор шуд. Дар ин олимпиадаҳо 1077 нафар хонанда иштирок намуда, 413 нафар сазовори ҷойҳои ифтихорӣ (65 ҷойи якум, 105 ҷойи дуюм ва 243 ҷойи сеюм) гардид.

Рӯзҳои 8-9 феврал даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои дастаии хонандагони синфи 9-10, рӯзҳои 1-2 феврал даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ барои хонандагони синфи 7-8, рӯзҳои 8-9 феврал даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ барои хонандагони синфи 5-6 баргузор гардид, ки дар он 3171 нафар ширкат варзида, 1388 нафар сазовори ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм гардиданд.

Инчунин, рӯзҳои 5-6-уми июн соли 2021 дар Литсей барои хонандагони болаёқати равияи иқтисодӣ дар шаҳри Душанбе даври ҷумҳуриявии Олимпиадаи «Spelling Bee» ва Олимпиада оид ба Шоҳмот байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баргузор гардид. Таҳлили натиҷаҳо нишон медиҳад, ки хонандагони шаҳри Душанбе сазовори 649 ҷойи ифтихорӣ (135 ҷойи якум, 226 ҷойи дуюм, 288 ҷойи сеюм), вилояти Суғд сазовори 457 ҷойи ифтихорӣ (53 ҷойи якум, 139

ҷойи дуюм, 265 ҷойи сеюм), вилояти Хатлон сазовори 406 ҷойи ифтихорӣ (45 ҷойи якум, 93 ҷойи дуюм, 268 ҷойи сеюм), шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сазовори 209 ҷойи ифтихорӣ (35 ҷойи якум, 48 ҷойи дуюм, 128 ҷойи сеюм) ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сазовори 80 ҷойи ифтихорӣ (6 ҷойи якум, 17 ҷойи дуюм, 57 ҷойи сеюм) гардиданд.

Дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ дар соли таҳсили 2020-2021 4243 хонандаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ иштирок намуданд, ки 1841 хонанда соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ (284 медали тилло, 532 медали нуқра, 1025 медали нуқра) гардиданд.

Хонандагони кишвар баробари муваффақиятҳо дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ дар олимпиадаҳои байналмилалӣ низ фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ мегарданд.

*****

**Таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ**

Таъмини муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ дар соҳаи маориф маҳсуб ёфта, он ба раванди бомаром ва муваффақонаи таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Ҳамасола ҷиҳати бо омӯзгорони соҳибихтисос таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз ҷониби раёсату шуъбаҳои маорифи ҷумҳурӣ дархост пешниҳод гардида, тибқи он Вазорати маориф ва илм мутахассисони ҷавонро дар асоси роҳхат ба муассисаҳои таълимӣ сафарбар менамояд. Эҳтиёҷот ба кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои соли таҳсили 2021-2022 барои 2166 нафар пешниҳод гардидааст, ки нисбат ба соли таҳсили 2020-2021 828 нафар кам мебошад.

Эҳтиёҷоти
кадрҳои омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз рӯи фанҳои таълимӣ барои соли таҳсили 2021-2022

| **Фанҳои таълимӣ** | **ВМКБ** | **Хатлон** | **Суғд** | **Душанбе** | **ШНТҶ** | **Ҷамъ дар ҷумҳурӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Забон ва адабиёти тоҷик | | 13 | 24 | | 29 | 66 |
| Забони давлатӣ | | 2 | | | 12 | 14 |
| Забони русӣ | 4 | 58 | 66 | 17 | 84 | 229 |
| Забони англисӣ | 16 | 88 | 62 | 12 | 96 | 274 |
| Забон ва адабиёти ӯзбек | | | | | | |
| Алифбои ниёгон | | 7 | 2 | | | 9 |
| Забони арабӣ | | | | | | 109 |
| Таърих ва ҳуқуқ | 8 | 8 | 42 | 12 | 37 | 265 |
| Математика ва геометрия | 7 | 71 | 82 | 23 | 82 | 191 |
| Технологияи информатсионӣ | 4 | 45 | 53 | 25 | 63 | 176 |
| Химия | 6 | 33 | 61 | 18 | 58 | 196 |
| Физика ва астрономия | 5 | 42 | 60 | 24 | 65 | 82 |
| Биология | 2 | 13 | 24 | 7 | 36 | 81 |
| География | 6 | 11 | 28 | 12 | 24 | 30 |
| Санъати тасвирӣ | | 5 | 20 | | 5 | 53 |
| Суруд ва мусиқӣ | | 9 | 25 | 4 | 15 | 66 |
| Тарбияи ҷисмонӣ | | 1 | 27 | 11 | 29 | 54 |
| Омодагии дифои ҳарбӣ | 1 | 3 | 16 | | 34 | 64 |
| Технология (таълими меҳнат) | | 7 | 35 | 14 | 8 | 84 |
| Синфҳои ибтидоӣ | | 24 | 1 | 13 | 46 | 67 |
| Методикаи томактабӣ | | | 57 | | 10 | 23 |
| Равоншинос | | | 23 | | 32 | 32 |
| **Ҳамагӣ** | **59** | **440** | **708** | **194** | **765** | **2166** |

Бо мақсади таъмини муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо омӯзгорони ҷавон фармоиши вазири маориф ва илм аз 19 феврали соли 2021, №224 "Дар бораи тақсимоти мутахассисони ҷавон дар соли 2021" ба имзо расид, ки тибқи он моҳи майи соли ҷорӣ бо иштироки кормандони вазорат тақсимот гузаронида шуд, ки ба муассисаҳои таълимии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 391 нафар, вилояти Хатлон 1723 нафар, вилояти

Суғд 1100 нафар, шаҳри Душанбе 232 нафар ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 913 нафар барои фаъолият фиристода шуд. Аз шумораи 4359 нафар хатмкунандагони равияи омӯзгорӣ 3185 нафар бо маълумоти таҳсилоти олии касбӣ (аз ҷумла 773 нафар тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва 1174 нафар бо маълумоти миёнаи касбӣ мебошад.

Шумораи
хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ дар соли 2021, ки тибқи роҳхати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойи кор фиристода шуданд

| Шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | Эҳтиёҷот | Ба ҷойи кор фиристода шуд олии касбӣ | Аз ҷумла квота | Миёнаи касбӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 59 | 240 | 121 | 30 | 391 |
| Вилояти Хатлон | 440 | 1021 | 278 | 424 | 1723 |
| Вилояти Суғд | 708 | 527 | 218 | 355 | 1100 |
| Шаҳри Душанбе | 194 | 183 | - | 49 | 232 |
| ШНТҶ | 765 | 441 | 156 | 316 | 913 |
| **Ҳамагӣ:** | **2166** | **2412** | **773** | **1174** | **4359** |

*****

## Таҳсилоти миёнаи касбӣ

Айни ҳол дар 79 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ (23 муассисаи ғайридавлатӣ) аз рӯи 8 равия ва 203 ихтисос мутахассис омода мегардад, ки ин нисбат ба соли таҳсили 2019-2020 4 муассисаи таълимии ғайридавлатӣ ва 37 ихтисос зиёд мебошад. Дар муассисаҳои мазкур зиёда аз 93 ҳазор донишҷӯ таҳсил менамоянд, ки ба онҳо 6578 нафар омӯзгор таълим медиҳад.

Яке аз омилҳои баланд намудани сатҳи сифати таҳсилот ва донишазхудкунии донишҷӯён баргузории озмунҳои фаннӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад.

3-юми апрели соли равон бахшида ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси вазоратҳои маориф ва илм ва корҳои дохилӣ дар қисми низомии 3502-и Раёсати қушунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилӣ бо иштироки намояндагони вазоратҳо, ҳайати сарбозону афсарон ва фармондеҳони қисми низомии 3502, омӯзгорону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мусобиқаи маҳорати варзишӣ ва ҳарбӣ - ватандӯстӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ баргузор гардид, ки Коллеҷи техникӣ-оташнишонии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи якум, Коллеҷи милитсияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи дуюм, Коллеҷи техникӣ-технологии назди Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи сеюм ва Шуъбаи таълимии Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ҷойи чорумро ба даст оварданд.

9-уми апрели соли ҷорӣ дар Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ озмунҳои ҷумҳуриявии “Сарояндаи беҳтарин” ва “ Рассоми беҳтарин” баргузор гардид, ки дар озмуни “Рассоми беҳтарин” Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомӣ ба номи М. Олимов ҷойи якум, Коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан ҷойи дуюм ва Коллеҷи санъати шаҳри Хуҷанд ба номи С. Ҳофиз ҷойи сеюмро ба даст оварданд. Ҳамчунин, дар озмуни “Сарояндаи беҳтарин” Коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи А. Бобоқулов ҷойи якум, Коллеҷи санъати шаҳри Хуҷанд ба номи С. Ҳофиз ҷойи дуюм ва Коллеҷи ҷумҳуриявии санъати шаҳри Кӯлоб ба номи К.Қурбонов ҷойи сеюмро соҳиб шуданд.

20-21-уми майи соли равон бо ташаббуси Вазорати маориф ва илм бахшида ба таҷлили ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ Озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз фанҳои таълимӣ баргузор гардид, дар он 333 нафар донишҷӯ аз 73 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ ширкат варзиданд. Озмуни мазкур аз рӯйи фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, забон ва адабиёти рус, забони англисӣ, биология, химия ва информатика гузаронида шуд.

Аз шумораи умумии 333 нафар иштирокчӣ 14 нафар ҷойҳои якум, дуюм, сеюмро ба даст оварда, соҳиби Диплом ва медалу тухфаҳои Кумитаи тадорукоти озмун гардиданд. Ҳамзамон, ба 34 нафар иштирокчӣ барои иштироки фаъолона дар даври ҷумҳуриявии озмун “Ифтихорнома”-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдим карда шуданд.

Аз рӯйи баҳогузории ҷамъбасти умумӣ, дастаи Коллеҷи тиббӣ-ҷумҳуриявӣ бо ба даст овардани 3 ҷойи ифтихорӣ бо ҷойи якум, дастаи Коллеҷи тиббии ғайридавлатии шаҳри Бохтар (Даво) бо ба даст овардани 2 ҷойи ифтихорӣ бо ҷойи дуюм ва дастаи Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо ба даст овардани 2 ҷойи ифтихорӣ бо ҷойи сеюм сарфароз гардонида шуда, ба роҳбарияти ин муассисаҳо Сипоснома ва тухфаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдим карда шуд.

*****

## Таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ

Дар ҷумҳурӣ айни ҳол 41 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо фарогирии 244 ҳазор донишҷӯ амал мекунад.

Бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоидаҳои қабули

донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2021-2022, Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ барои идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2021-2022 ва Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯйи таҳсилоти олии дуюм дар соли таҳсили 2021-2022 тасдиқ карда шуданд.

Тибқи ҳисоботи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар сессияи зимистонаи соли таҳсили 2020-2021 аз теъдоди умумии 154927 нафар донишҷӯ 152924 нафар (98,7%) донишҷӯ ба сессия роҳ ёфт. Ҳамзамон, 2003 нафар донишҷӯ бо сабабҳои гуногун ба сессия роҳ наёфтанд. Аз шумораи ба сессия роҳ ёфтагон 150609 нафар (98,5%) донишҷӯ ҳамаи имтиҳонҳоро бомуваффақият ҷамъбаст намуд. Аз шумораи донишҷӯёни қарздор 2315 нафар (1,5%), донишҷӯёни хориҷшуда 2145 (1,4%) нафар ва теъдоди донишҷӯёне, ки бо иллати қарздории академӣ то имрӯз хориҷ нашудаанд, 170 нафарро ташкил медиҳад.

Дар даври ниҳоии сессияи санҷишию имтиҳонии зимистонаи соли таҳсили 2020-2021 сатҳи донишазхудкунии донишҷӯён ба 98,5% баробар буд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров олимпиадаи ҷумҳуриявӣ миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони «Дониш талабу бузургӣ омӯз...» бахшида ба ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фанҳои таълимии бахшҳои гуманитарӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва табиатшиносию риёзӣ миёни донишҷӯён гузаронида шуд.

Дар олимпиада 378 нафар донишҷӯ аз 36 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар аз фанҳои таълимии забон ва адабиёти тоҷик, забони англисӣ, забони русӣ, технологияи информатсионӣ, таърихи халқи тоҷик, физика, математика, химия, биология - экология, назарияи иқтисодӣ, фалсафа, сиёсатшиносӣ, географияи иқтисодии Тоҷикистон бо

асосҳои демография ва педагогикаи умумӣ дар умум 14 фан иштирок намуданд.

Ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм бо дипломҳои дараҷаи якум, дуюм, сеюм ва туҳфаи хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд. Ҳамин тавр, ҷойи якум 27 нафар, ҷои дуюм 30 нафар, ҷои сеюм 33 нафар ва барои иштироки фаъол 19 нафар донишҷӯ бо "Ифтихорнома"-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ карда шуданд.

Аз рӯи натиҷаҳои ҷойҳои бадастомадаи даставӣ ҷои якум насиби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ҷои дуюм насиби Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ҷои сеюм насиби Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров гардид.

*****

## Илм ва инноватсия

Дар шаш моҳи сипаришуда аз ҷониби вазорат Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот дар Шӯрои илм, маориф ва инноватсия аз 15 апрели соли 2021 таҳия гардида, бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2021, №667 тасдиқ ва дастрасӣ масъулин гардонида шуд.

Ҳамзамон, «Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №170 тасдиқ гардид. Ҷиҳати иҷрои барномаи мазкур Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва бо фармоиши вазири маориф ва илм аз 1 июни соли 2021, №874 тасдиқ карда шуд.

Бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 11 феврали соли 2021,

№АП-43 вобаста ба баргузории озмуни ҷумҳуриявӣ «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва оммавӣ гардонидани озмуни мазкур мактуби дастурӣ аз 24.02.2021, №01/1-124 ба сардорони сарраёсат, раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, директорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, ректорон директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ирсол гардида, дар сомонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳо ҷойгир карда шуд. Мутобиқи Низомномаи мазкур баргузории даври аввали озмун дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ анҷом ёфт.

Ҳамчунин, дар давраи ҳисоботи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 феврали соли 2021, №АП-44 оид ба баргузории озмуни ҷумҳуриявӣ «Илм-фурӯғи маърифат» ба тавсиб расид. Ҷиҳати иҷрои амри мазкур мактуби дастурӣ аз 01.03.2021, №09/2-90 ба сохторҳои дахлдор ирсол гардид.

Рӯзи 30.04.2021 аз рӯи номинатсияҳои математика (арифметика, алгебра ва геометрия), физика ва астрономия, химия, биология (ботаника, зоология ва анатомия), технологияи иттилоотӣ ва ихтироъкорӣ ва навоварӣ дар дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм даври аввали озмун миёни кормандони вазорат ва муассисаҳои зерсохтори он баргузор карда шуд, ки 5 нафар кормандон ба даври минбаъда роҳ ёфтанд. Инчунин, даври аввали озмун дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, муассисаҳои илмӣ ва зерсохтори вазорат ҷамъбаст гардид.

Дар ин давра бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни ҷумҳуриявии корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ дар соли 2021» баргузор карда шуд. Тибқи хулосаву баҳогузории гурӯҳи корӣ, ки бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 07.05.2021, №606) тасдиқ гардид, корҳои

беҳтарини илмию таҳқиқотии донишҷӯён сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд.

*****

**Маблағгузории соҳа**

Соли 2021 барои соҳаи маориф 5 млр. 597 млн. 100 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки нисбат ба соли 2020 11,8 % зиёд мебошад.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.05.2006, №197 «Дар бораи муқаррар намудани имтиёзҳо ба омӯзгорони ҷавон» ҳамасола тибқи дархости раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва дар якҷоягӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк» қарзи имтиёзноки дарозмуддат ба омӯзгорони ҷавон ба микдори 6 ҳазор сомонӣ дар се соли аввали фаъолияти меҳнатиашон дода мешавад. Ҳаҷми умумии ин маблағ дар як сол 2 млн сомониро ташкил медиҳад, ки ин маблағ танҳо ба 333 нафар омӯзгор мерасад.

Бояд қайд намуд, ки дар соли 2021 тибқи дархости раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба 333 нафар омӯзгори ҷавон, ки хоҳиши гирифтани қарзи имтиёзнокро доранд, ба маблағи 1 млн 998 ҳазор сомонӣ ҷамъбаст гардида, барои маблағгузорӣ рӯзҳои наздик ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда мешавад.

*****

**Муносибатҳои байналмилалӣ**

Бахри густариши ҳамкориҳо дар соҳаи маориф ва илм зимни сафари расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ– Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Ҷумҳурии Исломии Покистон

аз ҷониби роҳбарияти вазорат санадҳои зерин ба имзо расонида шуданд:

- Созишномаи ҳамкории академӣ миёни Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ бо Донишгоҳи Индуси Покистон;

- Тафоҳумнома оид ба ҳамкориҳои илмӣ ва таҳсилотӣ миёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо Донишкадаи технологияҳои иттилоотии COMSATS-и Ҷумҳурии Исломии Покистон;

- Ёддошти тафоҳум байни Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода бо Донишгоҳи миллии забонҳои муосири Ҷумҳурии Исломии Покистон.

Дар шаш моҳи сипаришуда дар доираи ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ чор санади ҳамкорӣ, аз ҷумла, Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Намояндагии Ассотсиатсияи кумак ва дастгирии Япония дар Тоҷикистон, Нақшаи тақвимии фаъолияти лоиҳаи "English without Borders - Забони англисӣ бидуни сарҳадҳо"-и Ташкилоти ҷамъиятии "Дурахши маърифат" бо вазорат, Нақшаи кории дусолаи 2021-2022 миёни вазорат ва ЮНИСЕФ ва ҳамчунин, Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Намояндагии Шӯроҳои амрикоӣ оид ба маорифи байналмилалӣ ба имзо расонида шуданд.

Аз 30-юми март то 1-уми апрели соли ҷорӣ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур аввалин намоишгоҳ-ярмаркаи «Study in Ukraine» дар Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он наздики 90 нафар намояндаи Вазорати маориф ва илми Украина ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии он бо роҳбарии вазири маориф ва илм Шкарлет Сергей Михайлович ширкат намуданд.

Инчунин, рӯзҳои 19-22 майи соли ҷорӣ дар Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия нуҳумин Намоишгоҳи

таҳсилотии муассисаҳои олии таълимии Федератсияи Россия баргузор карда шуд. Дар намоишгоҳи мазкур 26 муассисаи таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия, 3 филиали дар шаҳри Душанбе будаи донишгоҳҳои он ширкат варзиданд. Намоишгоҳ тӯли се рӯз идома ёфт, ки дар он зиёда аз 1000 нафар хатмкунандаи муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, вилоятҳои Хатлону Суғд ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон иштирок намуд.

Дар робита ба қабули шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷи кишвар тибқи бурсияҳои байниҳукуматӣ дар шаш моҳи соли 2021 аз ҷониби кишварҳои Россия, Қазоқистон, Украина, Беларус, Хитой, Туркия, Руминия, Тайланд, Полша, Сербия, Венгрия бурсияҳои таҳсилӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот ҷудо шуда, саривақт иҷро гардиданд.

Дар ин давра, ҳамчунин, бурсияҳои Донишкадаи давлатии муносибатҳои байналмилалии Москва (МГИМО) ҷамъбаст карда шуд, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи ҳамасола 5 нафар дар зинаи бакалавр ва се нафар дар зинаи магистратура интихоб ва пешниҳод шуданд.

*****

## Сохтмону таъмири биноҳои таълимӣ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари таъмин гардонидани рушди иқтисодии кишвар ҷиҳати ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ гардонидани фаъолияти инфрасохтори ҳамаи бахшҳои иҷтимоӣ ва дар навбати аввал соҳаи илму маориф пайваста диққати махсус зоҳир намуда, то имрӯз дар самти бунёду азнавсозии муассисаҳои таълимӣ тамоми чораҳои заруриро амалӣ намуда истодааст.

Соли 2021 тибқи маълумоти омории дастрасгардида дар қаламрави ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ сохтмони 214 бинои муассисаи таълимӣ ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои 48481 ҷойи нишаст ба нақша гирифта шудааст. То 01.07.2021 аз

ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 34 муасисаи таълимӣ ва бинои иловагӣ дар назди муасисаҳои таълимӣ барои 7436 ҷойи нишаст дар як баст ва 7 муассисаи томактабӣ барои 2055 кӯдак сохта ба истифода дода шуд.

Ҳамчунин, 14-уми июни соли равон дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба ва дӯстонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ургути вилояти Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №154 барои 1400 хонанда дар ду баст ба истифода дода шуд.

*****

**Омодагӣ ба давраи тирамоҳу зимистон**

Тибқи маълумоти масъулини соҳаи маориф ба ҳолати 20.06.2021 талаботи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2021-2022 дар маҷмӯъ ба 51343 тонна ангишт, 52011 м$^3$ ҳезум ва 131024 литр сӯзишвории дизелӣ баробар буда, таҳия ва тасдиқи нақшаи маводи сӯхт дар баъзе муассисаҳо идома дорад. Бақияи соли гузашта бошад, дар маҷмӯъ, 3628 тонна ангишт, 2565 м$^3$ ҳезум ва 10196 литр сӯзишвории дизелиро ташкил мекунад, ки ин 7%-и захираи ангишт, 6%-и захираи ҳезум ва 8%-и захираи сӯзишвории дизелии мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2021-2022-ро ташкил медиҳад.

Инчунин, дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ 1187 адад дегхонаи хурду бузург, 13362 адад гармкунаки барқӣ ва 32796 адад печи оловӣ мавҷуд мебошад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, интернатҳо, литсейҳо ва мактабҳои президентӣ барои гузаронидани мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2021-2022 (моҳҳои сентябр-феврал) ба ҳолати 20.06.2021 маводи асосии хӯрока, аз ҷумла орд 1201 тонна, равған 977 тонна, биринҷ 1109

тонна, шакар 1137 тонна, картошка 1166 тонна, пиёз 1306 тонна ва сабзӣ 1329 тонна ба нақша гирифта шудааст.

Дар давоми шаш моҳи соли 2021 вобаста ба имкониятҳои молиявӣ аз ҷониби вазорат ба миқдори 1609 ҷуфт мизу курсии талабагӣ барои 3218 ҷойи нишаст, 82 ҷуфт мизу курсии омӯзгорӣ, 114 тахтаи синфӣ, 24 адад ҷевони китоб, 15 адад мизу курсии компютерӣ, 1 ҷуфт мебели кабинети директор, 2 маҷмӯъ кабинети фанни биология, 2 маҷмӯъ кабинети фанни физика, 1 маҷмӯъ кабинети фанни химия, 22 адад компютер ва 2 адад тахтаи электронӣ харидорӣ шуда, дастраси муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ гардонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 600 ҷой зиёд мебошад.

*****

**Такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф**

Такмили ихтисоси омӯзгорон имрӯзҳо ҳамчун зинаи муҳим ва ҳатмӣ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дошта, ҳамеша дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мегардад.

Дар давраи ҳисоботӣ тибқи нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос ва курсу семинарҳои махсус (танҳо дар курсҳои нақшавӣ) дар ҷумҳурӣ 530 курси баландбардории маҳорати касбӣ бо фарогирии 13259 нафар омӯзгор, 39 курси такмили ихтисос барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бо иштироки 1011 нафар омӯзгор ташкил ва баргузор карда шуд.

Дар донишкада омӯзгорони фаннии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ ба курсҳои баландбардории маҳорати касбӣ фаро гирифта мешаванд. Дар шашмоҳаи аввали соли 2021 дар донишкада 39 курси такмили ихтисос барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бо иштироки 1011 нафар шунаванда доир карда шуд.

Дар маҷмӯъ, давоми шашмоҳаи аввали соли равон дар 576 курси нақшавӣ ва дигар курсҳои ғайринақшавии донишкада ва филиалҳо ва курсҳои дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд гузаронидашуда 21093 нафар омӯзгор такмили ихтисос намуданд.

*****

**Таъмини муассисаҳо бо китобҳои дарсию бадеӣ ва маводи таълимӣ**

Дар нимсолаи якуми соли 2021 15 номгӯй китоби дарсӣ, 10 номгӯйи маводи таълим (дастурҳои методии роҳнамои омӯзгор, барномаи таълим, журнали синф) нашр шуд, ки дар маҷмӯъ 1 млн. 203 ҳазору 503 нусхаро ташкил медиҳад.

Айни замон чопи 43 номгӯйи китоби дарсӣ бо теъдоди 3 млн. 707 ҳазор нусха ва 5 номгӯйи маводи таълим ба теъдоди 101 ҳазор нусха дар ширкатҳои нашрии ватанӣ идома дорад, ки то оғози соли нави таҳсил нашр ва ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дастрас гардонида мешавад.

Ба шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ 152 номгӯй китоби дарсӣ ба миқдори 1 млн. 280 ҳазору 232 нусха, 52 номгӯй китоби бадеӣ ба миқдори 2 ҳазору 323 нусха, 146 номгӯй маводи таълим (барномаи таълим, журнали синф, роҳнамои омӯзгор, барномаҳои таълими муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва ғайра) ба миқдори 27 ҳазору 008 нусха дастрас гардонида шудааст.

Илова бар ин, 19 номгӯй адабиёти таълимиву бадеӣ ба миқдори 24 ҳазору 534 нусха ба шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таълимӣ ирсол карда шудааст.

Дар маҷмӯъ, давоми нимсолаи якуми соли 2021 ба раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва муассисаҳои дигари таълимӣ 1 млн. 334 ҳазору 161 нусха китоби дарсӣ, бадеӣ ва маводи таълим дастрас гардонида шудааст.

Ҳамзамон, дар ин давра бо ҳамкории шарикони рушд 86 номгӯй китоби бадеӣ ба теъдоди 533 ҳазор нусха нашр ва ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба таври ройгон дастрас карда шуд.

*Таҳия ва чопи китобҳои дарсӣ барои ақаллиятҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.* Барои ба забонҳои ақаллиятҳои миллӣ (русӣ, ӯзбекӣ ва қирғизӣ) тарҷума кардани китобҳои дарсии дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда гурӯҳҳои корӣ таъсис дода шуда, корҳо дар ин самт ҷараён доранд. Аз он ҷумла, айни замон аз 92 китоби ба забони русӣ тарҷумашаванда аз ҷониби гурӯҳи корӣ 53 китоби дарсӣ тарҷума шуда, корҳои таҳриру ороиш ва арзёбии онҳо аз ҷониби мутахассисон идома дорад.

Ба забони ӯзбекӣ аз ҷониби гурӯҳи корӣ 24 номгӯйи китоби дарсӣ тарҷума шуда, айни ҳол «Таърихи умумӣ» с. 9, «Математика» с. 2, «Она тили» (Забони модарӣ) с. 3, «Табиатшунослик» (Табиатшиносӣ) с. 3 ба теъдоди 53 ҳазор нусха мавриди чоп қарор доранд. Китобҳои дарсии «Таърихи умумӣ» с. 9 (ба теъдоди 11 000 нусха), Адабиёт с. 11 (ба теъдоди 11 000 нусха), Узбек тили с. 9 (ба теъдодии 11 000 ҳазор) ва «Адабиёт» с. 8 (ба теъдоди 11 000 нусха) чоп шуда, айни замон ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дастрас шуда истодаанд.

Барои мутобиқсозӣ ва тарҷумаи китобҳои дарсӣ ба забони қирғизӣ бо ҷалби 12 нафар омӯзгори ботаҷриба аз ноҳияи Мурғоби ВМКБ ва 8 нафар аз ноҳияи Лахш гурӯҳи корӣ таъсис ёфтааст. 11 номгӯйи ин китобҳо, ҳар кадоме ба теъдоди 1000 нусхаӣ чоп ва тибқи дархости муассисаҳои таҳсилоти умумии таълимошон ба забони қирғизӣ дастрас гардонида шуд.

Айни замон тибқи нақшаи гурӯҳи корӣ мутобиқсозӣ ва тарҷумаи 10 китоби дигар ба забони қирғизӣ идома дорад, ки пас аз арзёбӣ, таҳрир ва тасҳеҳ шудан ба чоп пешниҳод карда мешаванд.

Инчунин, тарҷумаи китобҳои дарсии фанҳои таърихи халқи тоҷик барои синфҳои 5 – 11-ум ва географияи Тоҷикистон барои синфи 8-ум аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон идома дорад.

*****

## Ҳамкорӣ бо ВАО

Яке аз самтҳои фаъолияти Вазорати маориф ва илм ҳамкорӣ бо ВАО мебошад. Дар нимсолаи аввали соли 2021 дар расонаҳои чопии кишвар ва сомонаҳои интернетӣ вобаста ба масъалаҳои соҳаи маориф ва илм аз ҷониби рӯзноманигорон ва шаҳрвандон 23 мақолаи таҳлилию танқидӣ нашр шудааст, ки дар робита ба матлабҳои нашршуда аз тарафи Маркази матбуот дар якҷоягӣ бо шуъбаву раёсатҳои дахлдори вазорат ба идораи нашрияҳо вокуниш омода ва ирсол гардиданд.

Дар ин давра дар радиову телевизион ва матбуоти даврӣ 73 баромаду суханронии кормандони вазорат ва сохторҳои тобеи он ташкил гардида, ҳамзамон дар тамоми чорабинии вазорат иштироки кормандони васоити ахбори омма ва радиову телевизион таъмин карда шуд.

Сомонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо се забон - тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пурра фаъол буда, дар давраи ҳисоботӣ бо забони тоҷикӣ 121 мавод, забони русӣ 35 мавод ва забони англисӣ 15 мавод нашр гардиданд.

*****

## “Телефони боварӣ”-и Вазорати маориф ва илм

Бо мақсади таъмини робитаи доимии шаҳрвандон бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин сари вақт бохабар будан аз мушкилоти ҷойдоштаи соҳаи маориф дар минтақаҳо, пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ “Телефони боварӣ”- и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон - 227-76-86 ташкил карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ тавассути “Телефони боварӣ” 66 занг ворид шудааст. Мурочиатҳо бештар фарогири мавзӯъҳои ҷамъоварии маблағи таъмир ва барои имтиҳон, маҷбуран ҷалб намудан дар чорабиниву ҷамъомадҳо, фурӯши маҷбурии либоси пастсифати мактабӣ, фурӯши маҷбурии чиптаҳои намоишномаву кино ва барномаҳои

фарҳангӣ дар муассисаҳои таълимӣ, муносибати дағали мураббияҳо ва мудирони муассисаҳои томактабӣ, омӯзгорон, ҷонишинҳои директорон, директорони мактабҳо ва намояндагони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, дастрасӣ надоштан ва нобаробарӣ дар тақдими ҳавасмандиҳо ва мукофоти соҳавӣ, поймол шудани ҳуқуқи меҳнати кормандон, мушкилоти раванди таълим, анҷоми соли таҳсил ва ба таътил фиристодани хонандагон, пурра пардохт нашудани маблағ барои нигоҳубини кӯдак, муосидат накардан дар самти интиқол аз як муассиса ба дигар муассисаи таълимӣ, беназоратии масъулини муассисаҳои томактабӣ аз болои кӯдакон-тарбиятгирандагони муассисаҳои томактабӣ, барои корҳои шахсӣ истифода бурдани хонандагон аз ҷониби омӯзгорон, сари вақт таъмин нагардидани диплом ба хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҷониби масъулини донишкадаву донишгоҳҳо, паст будани сатҳу сифати таълим дар бархе аз муассисаҳои таълимӣ ва амсоли инҳо мебошанд. Зангҳои воридшуда, асосан, ба шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Бохтар, Ёвон, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Панҷ, Рӯдакӣ, Варзоб, Ваҳдат, Шаҳринав, Навобод, Хуҷанд, Ҷаббор Расулов, Истаравшан, Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Панҷакент, Кӯҳистони Мастчоҳ, Восеъ, Кушониён ва Ҷалолиддини Балхӣ рабт доранд.

*****

Новобаста аз корҳои басомонрасонида ҳоло ҳам камбудию мушкилот дар соҳаи маориф ва илм ба назар мерасад ва Вазорати маориф ва илм боварӣ дорад, ки ин нуқсон дар ҳамкорӣ бо намояндагони ВАО ва ҷомеаи шаҳрвандӣ тадриҷан ҳал гардида, ислоҳоти соҳа дар ҳамаи самтҳо амалӣ хоҳад шуд.

# БАРОИ ҚАЙДҲО: